ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________________Шарифзода М.М.
"_18_"___03___________2023 с.

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – "Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст. Муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Яке аз самтҳои муҳимми таъмини рушди кишвар ислоҳоти идораи давлатӣ эътироф мешавад, ки дар партави он чорабиниҳои зиёди ташкилию ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд. Мувофиқан, дар натиҷаи ислоҳоти низоми идораи давлатӣ дар кишвар мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур намудаанд, ки бо хусусиятҳои худ аз дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунанд. Бо назардошти он, ки мақомоти мазкур бевосита аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, танҳо дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд, вобаста ба мавқеи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ баҳсҳо ба миён меоянд. Аз ин рӯ, бо мақсади муайян намудани мафҳум, хусусият ва ҷойи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, нақши мақомоти мазкур дар баамалбарории идоракунии давлатӣ ва сиёсати давлатӣ таҳқиқи масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳим арёбӣ мегардад. Бинобар ин, мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ аз нигоҳи илмию амалӣ мубрам буда, таҳқиқи он ба ҳалли як қатор масоили вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдошта метавонад мусоидат менамояд.

Мавзуи мазкур чуноне, ки аз рисола ва автореферати кор бармеояд, дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" омода карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода П.Н. аз муқаддима, ду боб ва ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот иборат мебошад, ки пайдарҳамии мантиқӣ дар он риоя гардида, ҳаҷми умумии рисола 246 саҳифаро дар бар мегирад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар натиҷаи таҳқиқот дар ҳалли як зумра масъалаҳои илмие, ки марбут ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) яке аз самтҳое, ки муаллиф дар таҳқиқи он ба муваффақият ноил гардидааст, ин ҷудо намудани "мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "мақомоти маслиҳатӣ ва машрваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад. Вобаста ба ин, муаллиф қайд менамояд, ки мазмуни васеъ ва маҳдуди мақомоти наздипрезидентиро фарқ намудан мумкин аст. Мазмуни васеъ умумӣ буда, дар доираи он тамоми мақомоти давлатӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, таъйинот ва функсияи худ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд, фаҳмида мешаванд. Ба тариқи дигар, ба сифати мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми сохторҳоеро, ки дар номгузории онҳо ибораи "назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" муқаррар гардидааст ва ё тобеияти бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд, дохил намудан мумкин аст. Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба мазмуни маҳдуд бошад, танҳо он мақомотеро фарогир аст, ки тибқи қонунгузорӣ онҳо ба гурӯҳи алоҳида, ки "мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" номгузорӣ гардидааст, дохил шуда, дар фарқият аз гурӯҳи аввал салоҳият ва функсияи мустақили ҳокимиятӣ доранд. Ба ин гурӯҳ на ҳамаи мақомоте, ки дар номгузории онҳо ибораи "назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" муқаррар гардидааст ва ё ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд, дохил мегарданд (саҳ. 46). Дар баробари ин, бо мақсади муайян намудани таносуби байни "мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "мақомоти маслиҳатӣ ва машрвгаратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" муаллиф нишонаҳои "мақомоти маслиҳатӣ ва машрваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро ҷудо намудааст. Аз ҷумла: мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми ҳокимияи иҷроия ташкил мегарданд, вале функсияи идоракунии давлатиро надоранд ва мақоми идоракунии давлатӣ маҳсуб намеёбанд; ваколати ҳокимиятӣ надошта, ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро низ надоранд; мақомоти мазкур ба узвият асос ёфта, узви ин мақомот ба сифати хизматчии давлатӣ баромад намекунад; бештари мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ карда мешаванд ва ғайра (саҳ. 48). Воқеан масъалаи мазкур яке аз мавзуҳои муҳим ба ҳисоб рафта, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

б) самти дигаре, ки муаллиф дар таҳқиқи он муваффақ гардидааст, ин муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки мафҳуми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" муқаррар гардидааст, мазмуни маҳдуд дошта, дар маҷмуъ танҳо ба амалӣ намудани сиёсати давлатӣ аз ҷониби мақомоти мазкур ишора гардидааст (саҳ. 52). Бо мақсади муайян намудани мафҳуми васеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф хусусиятҳои мақомоти мазкурро баррасӣ намуда, мафҳуми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мазмуни васеъ чунин пешниҳод намудааст: мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини сиёсати давлатӣ ва

идоракунии давлатӣ дар соҳаи муайяни фаъолият, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, баамалбарории назорати давлатӣ ва амалисозии хизматрасонии давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолияти ҳуқуқмуқаррарнамоӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқмуҳофизавиро ба амал бароварда, оид ба натиҷаи фаъолияти худ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд (саҳ. 53). Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки мафҳуми дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешбинигардидаи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни маҳдуд дорад ва ба моҳияти мақомоти мазкур, ки шумораи онҳо солҳои охир афзуда истодаанд, мутобиқ намебошад. Бинобар ин, мафҳуми пешниҳодгардида асоснок буда, ҷанбаҳои гуногуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

в) самти дигаре, ки муаллиф дар таҳқиқи он муваффақ гардидааст, ин муайян намудани ҷойи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Вобаста ба ин, муаллиф иброз менамояд, ки низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян карда мешавад, ки ҷойи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои зикргардида ба таври гуногун муқаррар гардидааст. Ин ҳолат бобати муқаррар намудани ҷойи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ метавонад нофаҳмиҳоро ба вуҷуд орад (саҳ. 64). Муаллиф қайд менамояд, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зикргардида мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату кумитаҳои давлатӣ баҳснок мебошад. Бинобар ин, муаллиф зикр менамояд, ки барои дуруст муайян намудани мавқеи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, зарур аст, ки вазъи ҳуқуқии онҳо таҳлил ва таносуби онҳо бо мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад. Ба ақидаи муаллиф, бо назардошти он, ки тибқи қонунгузории конститутсионӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи мақомоти

идоракунии давлатиро роҳбарӣ, фаъолият ва мутобиқати ҳамкории онҳоро таъмин менамояд; дар ташкили фаъолияти мақомоти наздипрезидентӣ аз ҷумла, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад; мақомоти наздиҳукуматиро таъсис медиҳад; мақоми пешбари ҳокимияти иҷроия буда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ мегардад, мавқеи ин мақомро аз мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд мегардонад (саҳ. 69-71). Вазорату кумитаҳои давлатӣ бошанд, бо чунин хусусиятҳо нисбат ба мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии баланд доранд: вазорату кумитаҳои давлатӣ аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд; дар сохтори худ мақомоти алоҳидаро дар шакли “хадамот” ва “агентӣ” таъсис медиҳанд; фармоне, ки тибқи он роҳбарони вазорат (вазир) ва кумитаҳои давлатӣ (раис) ба вазифа таъин ва аз он озод мегарданд, тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб менамояд ва ғайра (саҳ. 75). Масъали мазкур аҳаммияти муҳимми амалӣ ва назариявӣ дорад. Зеро, дуруст муқаррар накардани ҷойи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъи ҳуқуқии он дар байни дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ метавонад баҳсҳоро ба миён оварад. Аз ин рӯ, таклиф ва хулосаҳои муаллиф вобаста ба ин масъала мубрам арзёбӣ мегарданд.

г) қайд намудан ба маврид аст, ки муаллиф на танҳо дар қисмати асосҳои назариявӣ ва ташкилии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар самти мазмун ва моҳияти вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва муайян намудани тарзҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ гардида, барои такмили минбаъдаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур таклифҳои асосноки худро пешниҳод намудааст.

Дар ин қисмат метавон хулоса намуд, ки муҳаққиқ дар ҳалли маъалаҳои илмии марбут ба мафҳум, хусусият, мавқеи ҳуқуқӣ, шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва дигар ҷанбаҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мазкур аввалин

рисолаи мукаммал оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо назардошти ислоҳоти низоми идораи давлатӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида омода гардидааст. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода П.Н. дар он ифода мегардад, ки дар таҳқиқот мафҳумҳои илмие пешниҳод карда шудаанд, ки метавонанд дар рушди ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ҳамчун сарчашма мусоидат намоянд. Ҳамзамон, навгониҳои дар таҳқиқот пешниҳодгардида ҷанбаи амалӣ низ дошта, метавонанд дар рушди қонунгузории кишвар ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассир бозанд.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Изатуллозода П.Н. манзур гардидаанд, метавонанд дар ташаккули қонунгузории кишвар, муайян намудани мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили шаклҳои такшилӣ-ҳуқуқӣ ва тарзҳои амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкур мусоидат намоянд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо дар таълими фанҳои “Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳамзамон, рисоларо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос метавон ба роҳ монд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намудан мумкин аст, ки барои онҳо ба довталаб метавонад дараҷаи илмӣ дода шавад:

1. Таҳқиқбаранда дар нуктаи дуюми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусиятҳои фарқкунандаи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамояд, ки ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбад. Тибқи он: а) мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравнд; б) бевосита аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешаванд; в) ҳайати роҳбарикунандаи (роҳбар ва муовинон) мақомоти мазкурро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд; г)

низомнома ва сохтори мақомоти мазкур аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад; ғ) вазифа ва функсияҳои махсуси худро доро мебошанд, ки дар низомномаи онҳо муқаррар гардидааст; д) ҳамчун мақоми марказӣ сохтор ва мақоми минтақавии худро доранд; е) бо мақсади амалӣ гардонидани функсияҳои худ ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро доранд; ё) дар доираи ваколатҳои худ функсияҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқмуҳофизаткуниро амалӣ менамоянд. Хусусиятҳои мазкур ҳамчун асоси фарққунандаи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ баромад намуда, онро метавон ҳамгоми омӯзиши илми ҳуқуқи маъмурӣ ва тадриси низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ истифода намуд.

2. Таҳқиқбаранда дар нуктаи чоруми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешкаш намудааст. Аз ҷумла: а) вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ (шуро, кумита, агентӣ); б) вобаста ба тарзи қабули қарорҳо (шакли яккасардорӣ ва шакли дастаҷамъӣ); в) вобаста ба таъйинот (мақомоти идоракунии давлатӣ; мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ва мақомоти машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон); г) вобаста ба эътибори ҳуқуқии қарорҳои қабулнамуда (мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ доранд (кумита ва агентиҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ надоранд (Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон); ғ) вобаста ба функсия (мақомоте, ки функсияи назоратӣ доранд; мақомоте, ки функсияи иҷроиявӣ-амрдиҳандагӣ доранд; мақомоте, ки функсияи хизматрасонии давлатиро ба амал мебароранд; мақомоте, ки функсияи ҳамоҳангсозиро амалӣ менамоянд); д) вобаста ба табиати ҳуқуқии салоҳият (мақомоти салоҳияти соҳавӣ дошта (Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон); мақомоти салоҳияти байнисоҳавӣ дошта (Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон); мақомоти салоҳияти махсусдошта (Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон); мақомоти салоҳияти комплексӣ дошта (байнисоҳавӣ ва махсус – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Таснифоти мазкур яке аз навгониҳо ва дастовардҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад. Зеро, дар илми ҳуқуқи маъмурии

ватанӣ таснифоти комили мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷанбаҳои ташкилӣ ва фаъолияти амалии мақомоти мазкурро дар бар гиранд, то имрӯз пешниҳод нагардидааст. Аз ин рӯ, навгонии мазкурро ҳамчун маводи илмӣ метавон ба муҳаққиқон ва пажуҳишгарон барои навиштани рисолаҳои илмӣ тавсия намуд.

3. Дар тавсияи амалии дуюм, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, муаллиф бо мақсади дақиқ намудани тартиби таъйин ва озод намудани роҳбар ва муовинони мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки дар қисми 3 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" меъёри зерин илова карда шавад: "Роҳбари мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармон ва муовини якум, муовинони роҳбари мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мегарданд". Воқеан, пешниҳод мазкур саривақтӣ ва асоснок мебошад. Зеро, таҷриба нишон медиҳад, ки роҳбарон ва муовинони онҳо дар мисоли мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои гуногуни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мегарданд. Пешниҳоди мазкур барои ҷудо намудани тартиби таъйини роҳбар ва муовинони ӯ, ҳамзамон барои муайян намудани санади дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он ба мансабҳои зикргардида шаҳрвандони кишвар таъйин ва озод мегарданд, мусоидат менамояд.

4. Дар тавсияи амалии чорум, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, муаллиф бо мақсади мутобиқ кунонидани шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои фаъолияти онҳо пешниҳод менамояд, ки "дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 16 апрели соли 2012, №828 мафҳуми расмии "агентӣ" ва "хадамот" чунин муқаррар карда шаванд: а) Агентӣ – ин шакли ташкилии мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки функсияи расонидани хизматрасонии давлатӣ, идоракунии амволи давлатӣ ва дигар функсияҳои ҳуқуқтатбиққуниро дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият ба амал мебарорад; б) Хадамот – ин шакли ташкилии мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки функсияҳои назоратӣ ва ҳуқуқмуҳофизавиро дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият ба амал мебарорад". Пешниҳоди мазкур шоистаи дастгирист, зеро яке аз нишонаҳои фарққунандаи мақомоти давлатӣ ин шакли ташкилӣ-

ҳуқуқии онҳо мебошад, ки бо самти фаъолияти онҳо алоқамандии зич дорад. Вале алоқамандӣ ва мутобиқати шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ бо функсияи мақомоти давлатӣ на ҳама вақт ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ муқаррар намудани пешниҳоди мазкур метавонад дар самти ислоҳоти низоми идораи давлатӣ таъсири амиқ расонад.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дорандаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд кайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Муҳаққиқ дар тавсияи амалии панҷуми ба ҳимоя пешниҳодгардида таклиф менамояд, ки мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амаликунандаи назорати давлатӣ мебошанд – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли ташкилии “хадамот” табдил дода шаванд”. Аз ин рӯ, мехостем донем, ки чаро Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун мақоми назоратӣ ба ҳисоб меравад, ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии “хадамот” табдил додани онро муаллиф пешниҳод накардааст?

2. Муаллифи таҳқиқоти илмӣ дар тавсияи амалии шашум, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, таклиф намудааст, ки “номгузории Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли зерин муқаррар карда шавад: “Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Аз диссертант пурсида мешавад, ки чаро нисбат ба Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таклиф мешниҳод нагардидааст, зеро дар номгузории ин мақом низ ибораи “назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавҷуд намебошад?

3. Диссертант дар зербоби якуми боби якум вазъи ҳуқуқиии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муқоиса бо мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда (саҳ. 69), онро ҳамчун мақоми пешбари ҳокимияти иҷроия муаррифӣ менамояд (саҳ. 71). Бо назардошти ин, дар қисмати хулосавии зербоби мазкур диссертант пешниҳод менамояд, ки дар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19 ноябри соли 2013, №12 низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо тартиби зерин муқаррар карда шаванд: “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” (саҳ. 78). Тавре маълум аст, низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ муқаррар гардидааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он пешбинӣ намегардад. Аз ин рӯ, аз диссертант пурсида мешавад, ки барои чӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавқеи худро пешниҳод накардааст?

Аммо, эродҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Изатуллозода П.Н. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҳамзамон мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 8.1., аз 17 марти соли 2023.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Санавваров Ғолибҷон Бақоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ), мудири кафедраи ҳуқуқи граждани ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ муҳокима ва ҷонибдорӣ гардидааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 9 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 8.1., аз 18 марти соли 2023.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ,
н.и.ҳ., дотсент — Бобоев А.Х.

**Ташхисгар:**
мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ
ва меҳнатӣ, н.и.ҳ., дотсент — Санавваров Ғ.Б.

**Котиби ҷаласа:** — Ҷумаева Н.М.

Имзои раис, ташхисгар ва
котиби ҷаласаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус — Мирпоччоев И.Х.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 735700, 17 мкрн, хонаи 1. Телефон: +992 (3422) 2-38-11; E-mail: tsulbp@rambler.ru; www.tsulbp.tj

«18» 05 2023 с.